# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-052-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
## аз рӯйи ихтисоси 19.00.05-Психологияи иҷтимоӣ
## Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

**Парвандаи аттестатсионии №2**
**Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 18 апрели соли 2020, таҳти №07**

Барои сазовор донистани Сафарова Зарринa Раҷабовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи "Проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра".Аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 –Психологияи иҷтимоӣ, ба ҳимоя қабул карда шуд 06-уми январи соли 2020, суратмаҷлиси №05 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-052-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2019 с., №95).

Довталаб Сафарова Зарринa Раҷабовна, соли таваллудаш 1984, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Соли 2007 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси "психолог" хатм намудааст. Аз соли 2014 то соли 2019 унвонҷӯи кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Айни замон ба ҳайси муаллими калони кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро ва муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст. Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 26.02.2014, суратмаҷлиси №6 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ**:

**Шарипова Мадина Ёдгоровна** – номзади илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мушовири илмӣ**:

Маҷидова Бибиҳафиза – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таълимоти инклюзивии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Иззатова Муҳаббат Иноятовна** – доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи тарбияи томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулло Рудакӣ;

**Салимова Дилбар Махкамовна** – номзади илмҳои педагогӣ, корманди Муассисаи давлатии «Маркази рушди истеъдодҳои назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе».

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Ошимова Маҳбуба Машарифовна имзо ва аз ҷониби ректори ҳамин донишгоҳ, доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Маҳмадулло Раҷабзода тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Сафарова Заррина Раҷабовна дар мавзӯи “Проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра” ба бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сафарова Заррина Раҷабовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ мебошад.

Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда он чиз ба асос гирифта шудааст, ки аз рӯйи ихтисоси психология корҳои илмӣ-тадқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Сафарова Заррина Раҷабовна алоқамандӣ доранд.

Довталаб 21 маводи чопӣ дорад, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти довталаб нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Мақолаҳои чопшудаи довталаб аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. Сафарова З.Р. Хусусиятҳои психологӣ-педагогии шаклгирии шахсияти кӯдакон дар оилаҳои нопурра // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2015. – №3 (64). – С. 14-17.
2. Сафарова З.Р. Проблемаҳои педагогӣ ва психологии тарбияи кӯдакони синни томактабӣ дар оилаи нопурра // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – № 3/3. – С. 296-299.

3. Сафарова З.Р. Ҷанбаҳои психологӣ–педагогии тарбияи кӯдак дар оилаи нопурра //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. –№ ¾. – С. 221- 224.
4. Сафарова З.Р. Ташаккулёбии ва иҷтимоишавии шахсияти кӯдакон дар оилаҳои нопурра // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – № 3/5. – С. 212-216.
5. Сафарова З.Р. Нақши модар дар оилаи нопурра ва тарбияи фарзанд // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – № 3/7. – С. 190-194.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

- доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ноиби ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон – **Хоҷаева М.;**
- доктори илмҳои педагогӣ, профессор – **Иматова Л.;**
- доктори илмҳои педагогӣ, профессор, директори Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – **Файзализода Ҷ.Х.;**
- номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии факултети психология ва таҳсилоти томактабии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Гафуров – **Бобоева С.;**
- номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика ва психологияи Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ – **Саторов А.**

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои ҷузъӣ баён шудаанд. Эродҳо асосан хатогиҳои имлоиву техникиро дар бар мегиранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

- аввалин бор дар чорчубаи имконоти методологӣ кӯшиши тадқиқи проблемаи психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабӣ аз оилаҳои нопурраи тоҷикистонӣ ба харҷ дода шудааст;
- бо мақсади ошкор кардани проблемаҳои системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабӣ дар оилаи нопурра анкета ва нақшаи сӯҳбати психологӣ бо кӯдакони синни томактабӣ тартиб дода шудааст;
- яке аз кӯшишҳои аввалини қисман мутобиқ намудани тестҳои психологӣ бо назардошти талаботи психометрикӣ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст;

- муайян карда шудаст, ки проблемаҳои психологии системаи муносибати байниҳамии кӯдаконро дар оила, пеш аз ҳама ихтилофҳои оилавӣ, набудани падар дар оила, муносибат бо шахсони калонсоли намунавии (бобо, бибӣ, тағо, хола, янга ва мураббияҳо) хонаводаро дар бар мегиранд;
- аз байни проблемаҳои умумии системаи муносибати кӯдакон дар оилаҳои нопурраи тоҷик, проблемаҳои шахсии психологии кӯдакон низ ошкор карда шудаанд, ки инҳо: номувофиқати иҷтимоии рафтор, донишдӯстӣ, худбаҳодиҳии номувофиқ ва дараҷаи баланди изтиробнокӣ мебошанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.**

Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки маълумотҳои илмии бадастовардашуда барои амалигардонии муқаррароти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои оилавӣ манфиатбахш буда, онҳоро метавонад ҳангоми коркарди барномаҳо барои волидон ва машварати оилавӣ ҳамчун асос истифода бурд. Натиҷаҳои дар рафти кор бадастомадаро дар тадқиқи минбаъдаи мавзӯъ дар доираи дигар соҳаҳои гуногун илми психология низ истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои бадастовардашудаи диссертатсияро метавон ҳангоми таълими курсҳои «Психологияи муносибатҳои оилавӣ», «Психологияи иҷтимоӣ», «Психологияи кӯдакон», «Психологияи омӯзгорӣ» ва «Психологияи синнусолӣ» ба таври васеъ истифода бурд. Инчунин методикаҳои қисман мутобиқнамударо дар доираи ташхиси психологӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст.

**Дар раванди таҳқиқот** ба таври мушаххас дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф усулҳои умуминазариявӣ (таҳлили адабиёт, муқоиса), эмпирикӣ (анкета, суҳбат); ташхисӣ (тестгузаронӣ), таҳлили мантиқӣ, таърихӣ, системавӣ ва муқоисавӣ, инчунин усулҳои коркарди математикӣ ва методҳои оморӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ** аз муайян намудани мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, муайян намудани объект ва масъалаи тадқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами тадқиқот, таҳлил ва таҳвили иттилооти бадастоварда мебошанд. Ҳолатҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз натиҷаи тадқиқоти мустақилонаи унвонҷӯй маҳсуб мегарданд. Дар воқеъ, дар заминаи тадқиқи масъала проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакон аз оилаҳои нопурра ошкор карда шудаанд.

Илова бар ин, мутобиқнамоии қисмии якчанд тестҳои психологиро, ба монанди: тести «Худбаҳодиҳии эмотсионалӣ» (А.В. Захаров), тести «Худбаҳодиҳии шахс» (Р.С. Немов), тести изтиробнокии кӯдаконаи «Чеҳраи мувофиқро интихоб намо» (Р. Тэммл, М. Дарки, В. Амен) бо назардошти талаботи психометрикӣ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон қисман мутобиқ намудааст, ки яке аз таҷрибаҳои аввалин буда, дар ин самт аҳамияти махсуси амалӣ дорад.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ аз 18-уми апрели соли 2020 қарор қабул карда шудааст, ки ба Сафарова Заррина Раҷабовна дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 2 нафар доктори илм наздик ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 15 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионие, ки дар ҷаласа иштирок доштанд, овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, – бетараф - нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Н.М. Юнусова**

**Котиби Шӯрои диссертатсионӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент** **Ф.С. Миров**